## ПРАВИЛА ПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОГО РЕСУРСА WWW.ALIFSHOP.TJ.

### 1. ТЕРМИНЫ И ОПРЕДЕЛЕНИЯ

В случае, если в тексте Оферты явно не оговорено иное, термины и определения, написанные с заглавной буквы, будут иметь следующее значение, при этом слова, обозначающие единственное число, включают в себя и множественное число, и наоборот.

**Администрация** – Общество с ограниченной ответственностью «Алиф Савдо» (ЕИН: 0410045323, ИНН: 040068078, г. Душанбе, р. Сино, ул. Багаутдинова, д. 9). Администрация не является стороной сделок, совершаемых на Платформе.

**Платформа** – интернет страница, расположенная по адресу www.alifshop.tj принадлежащая Администрации и представляющая собой электронную торговую площадку, на которой продавцы и покупатели получают возможность совершать сделки по купле-продажи товаров и услуг.

**Пользователь** – юридическое лицо, индивидуальный предприниматель или физическое лицо, которое использует Платформу для совершения сделок по купле-продажи товаров и услуг. Продавец и Покупатель являются Пользователями Платформы.

**Продавец** – индивидуальный предприниматель или юридическое лицо, осуществляющий деятельность по продаже товаров и услуг и разместивший на Платформе предложение о продаже товаров и услуг.

**Покупатель** – физическое или юридическое лицо, посетивший Платформу с целью размещения заявок для совершения сделок по купле продажи товаров и услуг.

**Личный кабинет** – учетная запись Пользователя на Платформе, которая даёт возможность пользоваться функционалом Платформы.

## ҚОИДАҲОИ ИСТИФОДАИ МАНБАИ ИТТИЛООТИИ WWW.ALIFSHOP.TJ.

### 1. ИСТИЛОҲОТ ВА ТАЪРИФҲО

Дар ҳолате, ки дар матни Оферта ба таври возеҳ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, истилоҳот ва таърифҳое, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд, маънои зеринро доранд, дар ҳоле ки калимаҳое, ки шумораи танҳоро ифода мекунанд, шумораи ҷамъро низ дар бар мегиранд ва баръакс.

**Маъмурият –** Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Алиф Савдо» (РЯМ: 0410045323, РМА: 040068078, ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. Баҳовуддинов, х. 9). Маъмурият ҷониби аҳдҳое, ки дар Платформа баста мешаванд, намебошад.

**Платформа –** саҳифаи интернетӣ, ки дар суроғаи www.alifshop.tj ҷойгир аст ва ба Маъмурият тааллуқ дорад ва майдончаи савдои электронӣ мебошад, ки дар он фурӯшандагон ва харидорон имконияти бастани аҳдҳоро оид ба хариду фурӯши мол ва хизматрасониҳо пайдо мекунанд.

**Истифодабаранда –** шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ё шахси воқеӣ, ки Платформаро барои бастани аҳдҳо оид ба хариду фурӯши мол ва хизматрасониҳо истифода мебарад. Харидор ва Фурӯшанда Истифодабарандаи Палтформа ба ҳисоб мераванд.

**Фурӯшанда –** соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ, ки фаъолиятро оид ба фурӯши мол ва хизматрасониҳо анҷом медиҳад ва дар Платформа пешниҳодро дар бораи фурӯши мол ва хизматрасониҳо ҷойгир мекунад.

**Харидор** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба Платформа бо мақсади ҷойгиркунии дархостҳо барои бастани аҳдҳо оид ба хариду фурӯши мол ва хизматрасониҳо ташриф овардааст.

**Утоқи шахсӣ –** ҳисоби қайди Истифодабаранда дар Платформа, ки имконияти истифода бурдани функсионали Платформаро медиҳад.

**Корзина –** сервис Платформы, позволяющий сохранить выбранные Покупателем товары и услуги до момента формирования Заказа.

**Сабад** – хизматрасонии Платформа, ки имкон медиҳад мол ва хизматрасониҳои интихобкардаи Харидорро то лаҳзаи ташаккули Фармоиш нигоҳ дорад.

**Заказ** – заявка Покупателя на совершение Сделки по приобретению товаров и услуг, размещенных на Платформе наличными денежными средствами или в рассрочку.

**Фармоиш** – дархости Харидор барои бастани Аҳд оид ба хариди мол ва хизматрасониҳо, ки дар Платформа бо пули нақд ё ба насия ҷойгир карда шудаанд.

**Сделка** – соглашение между Продавцом и Покупателем, заключенное на Платформе. Администрация не является стороной Сделок, совершенных между Продавцом и Покупателем.

**Аҳд** – созишномаи байни Фурӯшанда ва Харидор, ки дар Платформа баста шудааст. Маъмурият тарафи Аҳдҳои байни Фурӯшанда ва Харидор басташуда намебошад.

**Доставка** – передача товаров Покупателю от Продавца после совершения Сделки на Платформе.

**Расонидан** – супоридани мол ба Харидор аз ҷониби Фурӯшанда пас аз бастани Аҳд дар Платформа.

**Персональные данные** – любая информация прямо или косвенно относящая к определенному физическому лицу.

**Маълумоти шахсӣ** – ҳама гуна иттилооте, ки бевосита ё бавосита ба шахси муайяни воқеӣ таалluқ дорад.

**Конфиденциальная информация** – любая информация не являющаяся общедоступной, раскрытие которой может нанести ущерб интересам лица или компании.

**Иттилооти махфӣ** – ҳама гуна иттилооте, ки дастраси умум нест ва ифшои он метавонад ба манфиатҳои шахс ё ширкат зарар расонад.

**Правила использования информационного ресурса www.alifshop.tj** – текст Оферты.

**Қоидаҳои истифодаи манбаи иттилоотии www.alifshop.tj –** матни Оферта.

**Комиссия** – комиссионное вознаграждение, взымаемое Администрацией с Продавцов/Покупателей за оказываемые услуги в соответствии с условиями настоящей Оферты, тарифов, либо отдельно заключенным партнерским соглашением.

**Комиссия** – мукофотпулии комиссионӣ, ки аз ҷониби Маъмурият аз Фурӯшандагон/Харидорон барои хизматҳои пешниҳодшуда мутобиқи шартҳои ҳамин Оферта, тарифҳо ё созишномаи шарикии алоҳида басташуда ситонида мешавад.

**Стороны** – Администрация, Продавец и Покупатель.

**Тарафҳо** – Маъмурият, Фурӯшанда ва Харидор.

**РТ** – Республика Таджикистан.

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Оплата –** передача денежных средств за товары или услуги, приобретенные на Платформе.

**Пардохт** – интиқоли маблағҳои пулӣ барои мол ё хизматрасониҳое, ки дар Платформа харидорӣ шудаанд.

**Гарантия** – обязательство Продавца перед Покупателем, предоставляемый за приобретение товаров или услуг.

**Кафолат –** ӯҳдадории Фурӯшанда дар назди Харидор, ки барои хариди мол ё хизматрасониҳо пешниҳод карда мешавад.

## 2. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2.1. Оферта определяет условия использования Платформы.

2.1. Оферта шартҳои истифодаи Платформаро муайян мекунад.

2.2. Изложенный ниже текст Оферты является адресованным Пользователю официальным публичным предложением Администрации заключить Договор путём акцепта условий Оферты.

2.3. Акцепт Оферты считается совершение Пользователем действий, предусмотренных в Оферте, а именно путем регистрации Личного кабинета на Платформе или же оформления Заказа без регистрации Личного кабинета на Платформе.

2.4. Администрация не является стороной Сделки, совершенная между Продавцом и покупателем на Платформе.

2.5. Актуальная версия Оферты размещена на сайте в сети интернет по адресу: www.alifshop.tj.

**3. ПРЕДМЕТ ОФЕРТЫ**

3.1. Предметом Оферты является предоставление Пользователю доступа к Платформе и возможность использования его функционала для совершения Сделок в соответствии с условиями Оферты.

3.2. Доступ к Платформе осуществляется с использованием сети интернет с любых пользовательских устройств.

3.3. Пользователи используют Платформу для целей заключения Сделок.

**4. ПОРЯДОК ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПЛАТФОРМЫ ПРОДАВЦОМ**

4.1. Для получения доступа на использование функционала Платформы, Продавцу необходимо предоставить документы, перечень которых определяется по усмотрению Администрации самостоятельно и заключить партнерское соглашение (далее – Партнерское соглашение) с Администрацией.

4.2. После подписания Партнерского соглашения между Администрацией и Продавцом, последнему дается доступ к Личному кабинету путём предоставления логина и

2.2. Матни Офертаи дар поён овардашуда пешниҳоди расмии оммавии Маъмурият ба Истифодабаранда барои бастани Шартнома тавассути аксепт кардани шартҳои Оферта мебошад.

2.3. Аксепти Оферта анҷом додани амалҳои пешбининамудаи Оферта аз ҷониби Истифодабаранда, яъне тавассути бақайдгирии Утоқи шахсӣ дар Платформа ё ба расмият даровардани Фармоиш бе бақайдгирии Утоқи шахсӣ дар Платформа ҳисобида мешавад.

2.4. Маъмурият тарафи Аҳде, ки байни Фурӯшанда ва Харидор дар Платформа баста шудааст, намебошад.

2.5. Нусхаи актуалии Оферта дар сомонаи интернетӣ бо суроғаи: www.alifshop.tj ҷойгир карда шудааст.

**3. МАВЗУИ ОФЕРТА**

3.1. Мавзуи Оферта пешниҳоди дастрасӣ ба Платформа ба Истифодабаранда ва имконияти истифодаи функсионали он барои бастани Аҳдҳо мутобиқи шартҳои Оферта мебошад.

3.2. Дастрасӣ ба Платформа бо истифода аз шабакаи интернет аз ҳама гуна дастгоҳҳои истифодабаранда сурат мегирад.

3.3. Истифодабарандагон Платформаро бо мақсади бастани Аҳдҳо истифода мебаранд.

**4. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ ПЛАТФОРМА АЗ ҶОНИБИ ФУРӮШАНДА**

4.1. Барои гирифтани дастрасӣ ба истифодаи функсионали Платформа, Фурӯшанда бояд ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод кунад, ки рӯйхати онҳо аз ҷониби Маъмурият мустақилона муайян карда мешавад ва созишномаи шарикӣ (минбаъд – Созишномаи шарикӣ) бо Маъмурият бандад.

4.2. Пас аз имзои Созишномаи шарикӣ байни Маъмурият ва Фурӯшанда, ба охирин дастрасӣ ба Утоқи шахсӣ тавассути пешниҳоди логин ва парол дода мешавад,

пароля, после чего Продавец самостоятельно размещает ассортимент товаров и услуг с указанием цены и скидок при наличии. Ассортимент товаров и услуг Продавца размещается после прохождения модерации Администрации.

ки пас аз он Фурӯшанда мустақилона ассортименти мол ва хизматрасониҳоро бо нишон додани нарх ва тахфифҳо дар сурати мавҷуд будан ҷойгир мекунад. Ассортименти мол ва хизматрасониҳои Фурӯшанда пас аз гузаштани модерапсияи Маъмурият ҷойгир карда мешавад.

4.3. Продавец самостоятельно определяет ассортимент товаров и услуг, контролирует количество продаж, как за наличные денежные средства, так и реализованные путем предоставления рассрочки.

4.3. Фурӯшанда мустақилона руйхати мол ва хизматрасониҳоро муайян мекунад, миқдори фурӯш, ҳам бо пули нақд ва ҳам бо роҳи пешниҳоди насияро назорат мекунад.

4.4. Продавец самостоятельно несет ответственность за правильность указания ассортимента товаров и услуг, а также цену. При возникновении разногласий между Продавцом и Покупателем, Администрация не является стороной разногласий и не несет ответственности перед Покупателем либо Продавцом.

4.4. Фурӯшанда барои дурустии нишон додани руйхати мол ва хизматрасониҳо, инчунин нарх мустақилона масъул аст. Ҳангоми ба миён омадани ихтилофот байни Фурӯшанда ва Харидор, Маъмурият тарафи ихтилофот намебошад ва дар назди Харидор ё Фурӯшанда масъулият надорад.

## 5. ПОРЯДОК ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПЛАТФОРМЫ ПОКУПАТЕЛЕМ

## 5. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ ПЛАТФОРМА АЗ ТАРАФИ ХАРИДОР

5.1. Покупатель при посещении Платформы получает возможность ознакомления с ассортиментом товаров и услуг, размещенных на Платформе.

5.1. Харидор ҳангоми боздид аз Платформа имконияти шиносоӣ бо ассортименти мол ва хизматрасониҳоеро, ки дар Платформа ҷойгир шудаанд, пайдо мекунад.

5.2. В целях совершение Сделки Покупатель выбирает на странице Платформы определенный вид товаров или услуг путем нажатия на иконку товара или услуги, далее путем нажатия на кнопку «в корзину», добавляет выбранный товар или услугу в Корзину. Далее путем нажатия кнопки «Перейти в корзину», знакомится с условиями приобретения товаров и услуг, выбирает способ оплаты (наличные либо в рассрочку) и переходит к оформлению Заказа. Для оформления Заказа, Покупателю необходимо исполнить вышеперечисленное и нажать копку «Оформить». Нажимая на копку «Оформить», Покупатель подтверждает свои действия на совершение Сделки на Платформе.

5.2. Бо мақсади бастани Аҳд, Харидор дар саҳифаи Платформа намуди муайяни мол ё хизматрасониро тавассути пахш кардани сурати мол ё хизматрасонӣ интихоб мекунад, сипас бо пахш кардани тугмаи «ба сабад» мол ё хизматрасонии интихобшударо ба Сабад илова мекунад. Сипас бо пахш кардани тугмаи «Гузаштан ба сабад» бо шартҳои хариди мол ва хизматрасониҳо шинос мешавад, усули пардохтро (нақд ё ба насия) интихоб мекунад ва ба барасмиятдарории Фармоиш мегузарад. Барои ба расмият даровардани Фармоиш, Харидор бояд амалҳои дар боло зикршударо иҷро кунад ва тугмаи «Ба расмият даровардан»-ро пахш кунад. Бо пахш кардани тугмаи «Ба расмият даровардан», Харидор амалҳои худро

5.3. При выборе способа оплаты «В рассрочку», Покупатель признает, что отправляет заявку Финансовому партнеру для получения целевого кредита. Условия кредита указываются в отдельном договоре, который, при одобрении заявки Клиента, подписывается отдельно между Покупателем и Финансовым партнером.

5.4. Все условия и технические характеристики товаров и услуг, приобретенных Покупателем на Платформе, вытекают из Сделки, заключенной между Продавцом и Покупателем.

## 6. ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН

6.1. **Администрация вправе:**

(а) В одностороннем порядке изменять условия Оферты и функционал Платформы без дополнительного извещения Сторон.

(б) Проводить плановые и внеплановые проверки и удалять предложения Продавцов с Платформы если в результате проверки появятся сомнения в добросовестности Пользователя.

(в) Блокировать или временно ограничить доступ Пользователя к Платформе в случае нарушения Пользователем условий настоящей Оферты.

(г) Привлекать третьих лиц для оказания ими технической поддержки в целях заключения Пользователем Сделок на Платформе.

(д) При необходимости, затребовать дополнительную информацию от Пользователя в целях предоставления доступа к платформе.

барои бастани Аҳд дар Платформа тасдиқ мекунад.

5.3. Ҳангоми интихоби усули пардохти «Ба насия», Харидор эътироф мекунад, ки дархостро ба Шарики молиявӣ барои гирифтани қарзи мақсаднок ирсол мекунад. Шартҳои қарз дар шартномаи алоҳида нишон дода мешаванд, ки дар сурати тасдиқи дархости Мизоҷ, байни Харидор ва Шарики молиявӣ алоҳида имзо карда мешавад.

5.4. Ҳамаи шартҳо ва тавсифи техникии мол ва хизматрасониҳое, ки аз ҷониби Харидор дар Платформа харидорӣ шудаанд, аз Аҳди байни Фурӯшанда ва Харидор басташуда бармеоянд.

## 6. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. **Маъмурият ҳуқуқ дорад:**

(а) Шартҳои Оферта ва функсионали Платформаро бе огоҳии иловагии Тарафҳо яктарафа тағйир диҳад;

(б) Санҷишҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ гузаронад ва пешниҳодҳои Фурӯшандагонро аз Платформа хориҷ кунад, агар дар натиҷаи санҷиш дар бораи софдилии Истифодабаранда шубҳа пайдо шавад.

(в) Дар сурати вайрон кардани шартҳои Офертаи мазкур аз ҷониби Истифодабаранда, дастрасии Истифодабарандаро ба Платформа маҳкам ё муваққатан маҳдуд кунад.

(г) Шахсони сеюмро барои расонидани дастгирии техникӣ бо мақсади бастани Аҳдҳо аз ҷониби Истифодабаранда дар Платформа ҷалб намояд.

(д) Дар ҳолати зарурӣ, аз Истифодабаранда бо мақсади пешниҳоди дастрасӣ ба платформа маълумоти иловагӣ талаб намояд.

6.2. **Администрация обязана:**

(а) Предоставить Пользователю доступ к Платформе и Личному кабинету.

(б) Обеспечить защиту персональных данных Пользователя.

6.3. **Продавец вправе:**

(а) Использовать Платформу в соответствии с его функционалом и условиями Оферты;

(б) Размещать на Платформе предложения о продаже товаров и услуг.

6.4. **Продавец обязан:**

(а) Соблюдать условия использования Платформы и условия Оферты.

(б) Размещать на Платформу достоверную информацию о товарах и услугах (описание, фотографии, цены и тд.).

(в) Постоянно следить за правильностью указания информации, а также за ценой товаров и услуг.

(г) В случае возникновения споров, самостоятельно нести ответственность по Сделкам, совершенных на Платформе.

(д) Не использовать Платформу в целях, противоречащих закону или другим нормативным правовым актам РТ.

(е) Не размещать на Платформе информацию, нарушающую права и законные интересы третьих лиц.

(ж) Не осуществлять действий, направленные на нарушение работы Платформы.

(з) Следить за сохранностью и конфиденциальностью личной информации Покупателя, ставшая ему известной в ходе совершения Сделки на Платформе.

6.5. **Покупатель вправе:**

6.2. **Маъмурият ӯҳдадор аст:**

(а) Ба Истифодабаранда дастрасӣ ба Платформа ва Утоқи шахсиро пешниҳод кунад;

(б) Ҳифзи маълумоти шахсии Истифодабарандаро таъмин намояд.

6.3. **Фурӯшанда ҳуқуқ дорад:**

(а) Платформаро мувофиқи функсионали он ва шартҳои Оферта истифода барад.

(б) Дар Платформа пешниҳодҳоро дар бораи фурӯши мол ва хизматрасониҳо ҷойгир кунад.

6.4. **Фурӯшанда ӯҳдадор аст:**

(а) Шартҳои истифодаи Платформа ва шартҳои Офертаро риоя кунад.

(б) Дар Платформа маълумоти дақиқро дар бораи мол ва хизматрасониҳо (тавсиф, аксҳо, нархҳо ва ғ.) ҷойгир кунад.

(в) Доимо дурустии нишон додани маълумот, инчунин нархи мол ва хизматрасониҳоро назорат кунад.

(г) Дар ҳолати ба миён омадани баҳсҳо, мустақилона барои Аҳдҳое, ки дар Платформа баста шудаанд, масъулиятро ба дӯш гирад.

(д) Платформаро бо мақсадҳое, ки хилофи қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ мебошанд, истифода набарад.

(е) Дар Платформа маълумотеро, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони сеюмро вайрон мекунад, ҷойгир накунад.

(ж) Амалҳоеро, ки ба вайрон кардани кори Платформа равона шудаанд, анҷом надиҳад.

(з) Махфият ва амнияти маълумоти шахсии Харидорро, ки дар ҷараёни бастани Аҳд дар Платформа ба ӯ маълум шудааст, назорат кунад.

6.5. **Харидор ҳуқуқ дорад:**

(а) Использовать Платформу в соответствии с его функционалом и условиями Оферты.

(б) Посещать Платформу с целью ознакомления с ассортиментом товаров и услуг и заключения Сделки.

(в) При совершении Сделки, требовать от Продавца гарантию качество товаров и услуг.

6.6. **Покупатель обязан:**

(а) Соблюдать условия использования Платформы и условия Оферты.

(б) Не использовать Платформу в целях, противоречащих закону или другим нормативным правовым актам РТ.

(в) При заключении Сделки, в обязательном порядке произвести уточнение информации касательно выбранного товара или услуги у Продавца.

(г) Самостоятельно, без привлечения Администрации урегулировать любого рода разногласий или претензий, возникающих в результате совершения Сделки на Платформе.

(д) Не осуществлять действий, направленные на нарушение работы Платформы.

(е) Не осуществлять действий, направленные на нарушения прав и законных интересов третьих лиц.

## 7. ИНТЕЛЕКТУАЛЬНАЯ СОБСТВЕННОСТЬ

7.1. Все права на интеллектуальную собственность, связанную с Платформой, включая товарные знаки (логотипы), дизайн, тексты, графику, программное обеспечение и другие материалы принадлежат Администрации.

7.2. Пользователь обязуется не использовать или не распространять любые материалы с Платформы без письменного согласия Администрации.

## 8. ВОЗВРАТ (ОБМЕН) ТОВАРОВ

(а) Платформаро мувофиқи функсионали он ва шартҳои Оферта истифода барад.

(б) Ба Платформа бо мақсади шиносоӣ бо ассортименти мол ва хизматрасониҳо ва бастани Аҳд ташриф орад.

(в) Ҳангоми бастани Аҳд, аз Фурӯшанда кафолати сифати мол ва хизматрасониҳоро талаб кунад.

6.6. **Харидор ӯҳдадор аст:**

(а) Шартҳои истифодаи Платформа ва шартҳои Офертаро риоя кунад.

(б) Платформаро бо мақсадҳое, ки хилофи қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ мебошанд, истифода набарад.

(в) Ҳангоми бастани Аҳд, ҳатман маълумотро дар бораи мол ё хизматрасонии интихобшуда аз Фурӯшанда дақиқ намояд.

(г) Ҳама гуна ихтилофот ё даъвоҳоеро, ки дар натиҷаи бастани Аҳд дар Платформа ба миён меоянд, мустақилона ва бе ҷалби Маъмурият ҳаллу фасл намояд.

(д) Амалҳоеро, ки ба вайрон кардани кори Платформа равона шудаанд, анҷом надиҳад.

(е) Амалҳоеро, ки ба вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони сеюм равона шудаанд, анҷом надиҳад.

## 7. МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

7.1. Ҳамаи ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ, ки бо Платформа алоқаманданд, аз ҷумла тамғаҳои молӣ (логотипҳо), дизайн, матнҳо, графика, нармафзор ва дигар маводҳо ба Маъмурият тааллуқ доранд.

7.2. Истифодабаранда ӯҳдадор аст, ки ягон маводро аз Платформа бе розигии хаттии Маъмурият истифода набарад ё паҳн накунад.

## 8. БОЗГАРДОНДАН (ИВАЗ КАРДАН)-И МОЛ

8.1. Правила возврата или обмена товаров или услуг, приобретенных на Платформе путем совершения Сделки, устанавливаются каждым Продавцом отдельно, в соответствии с законодательством РТ «О защите прав потребителей».

8.2. Администрация не несет ответственности в отношении возврата товаров и услуг, приобретенных или реализованных на Платформе.

## 9. ОБРАБОТКА ПЕРСОНАЛЬНЫХ ДАННЫХ

9.1. Пользователь дает согласие Администрации на обработку персональных данных, а именно на совершение, в том числе, следующих действий: сбор, систематизацию, накопление, хранение, уточнение (обновление, изменение), использование, распространение (в том числе передачу), обезличивание, блокирование, уничтожение, трансграничную обработку и хранение данных, с целью заключения с Администрацией договоров, исполнения заключенных договоров, а также с целью выполнения требований нормативных актов по противодействию легализации денежных средств, полученных преступным путем. Указанные действия могут совершаться с использованием средств автоматизации. Пользователь также дает свое согласие на передачу, в целях осуществления действий, предусмотренных настоящим пунктом, со стороны Администрации персональных данных третьим лицам при наличии надлежаще заключенного между Администрацией и такими третьими лицами договора.

## 10. КОНФИДЕНЦИАЛЬНОСТЬ

10.1. Пользователь не вправе использовать информацию, ставшую ему известной в результате использования Платформы в каких-либо иных целях, кроме как для целей

8.1. Қоидаҳои бозгардондан ё иваз кардани мол ё хизматрасониҳое, ки дар Платформа тавассути бастани Аҳд харидорӣ шудаанд, аз ҷониби ҳар як Фурӯшанда алоҳида, мутобиқи қонунгузории ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррар карда мешаванд.

8.2. Маъмурият дар робита ба бозгардонидани мол ва хизматрасониҳое, ки дар Платформа харидорӣ ё фурӯхта шудаанд, масъулият надорад.

## 9. КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

9.1. Истифодабаранда ба Маъмурият барои коркарди маълумоти шахсӣ, яъне барои анҷом додани амалҳои зерин, аз ҷумла: ҷамъоварӣ, ба низом даровардан, ҷамъ кардан, нигоҳ доштан, дақиқ кардан (навсозӣ, тағйир додан), истифода бурдан, паҳн кардан (аз ҷумла интиқол додан), бешахсият кардан, маҳкам кардан, нест кардан, коркарди фаромарзӣ ва нигоҳдории маълумот, бо мақсади бастани шартномаҳо бо Маъмурият, иҷрои шартномаҳои басташуда, инчунин бо мақсади иҷрои талаботи санадҳои меъёрӣ оид ба муқовимат бо қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда розигӣ медиҳад. Амалҳои зикршуда метавонанд бо истифода аз воситаҳои автоматикунонӣ анҷом дода шаванд. Истифодабаранда инчунин розигии худро медиҳад, ки бо мақсади анҷом додани амалҳои пешбининамудаи ҳамин банд, аз ҷониби Маъмурият маълумоти шахсӣ ба шахсони сеюм дар сурати мавҷуд будани шартномаи ба таври бояду шояд басташуда байни Маъмурият ва чунин шахсони сеюм интиқол дода шавад.

## 10. МАХФИЯТ

10.1. Истифодабаранда ҳуқуқ надорад маълумотеро, ки дар натиҷаи истифодаи Платформа ба ӯ маълум шудааст, ба ғайр аз мақсадҳои бастани Аҳдҳо нисбати мол ва хизматрасониҳое, ки дар Платформа ҷойгир

заключения Сделок в отношении товаров и услуг, размещенных на Платформе.

## 11. ЭЛЕКТРОННОЕ ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ

11.1. Администрация предоставляет Пользователю техническую возможность заключать на Платформе Сделки в отношении товаров и услуг. Пользователь заключает и подписывает электронные документы только с использованием своего Личного кабинета на Платформе.

11.2. Действия (бездействия) Пользователя, совершаемые на Платформе, считаются совершенными Пользователем от своего имени и в своих интересах. Пользователь принимает на себя все возможные риски, связанные с действиями (бездействиями), совершенными со входа в Личный кабинет Пользователя.

11.3. Действия Пользователя обладают юридической силой и влекут за собой возникновение правовых последствий для Пользователя, в том числе совершения Сделок на Платформе.

## 12. ДОСТАВКА ТОВАРОВ

12.1. Доставка в отношении товаров, приобретенных путем совершения Сделки на Платформе, осуществляется Продавцом самостоятельно. Порядок, сроки осуществления, порядок оплаты доставки также определяется Продавцом самостоятельно.

## 13. ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СТОРОН

13.1. В случае неисполнения и/или ненадлежащего исполнения своих обязательств, Стороны несут ответственность в соответствии с действующим законодательством РТ.

13.2. Администрация не несет ответственности за неисполнение и/или ненадлежащее исполнение обязательств, если такое неисполнение и/или ненадлежащее исполнение произошло по вине Пользователя, в том числе в связи с

шудаанд, бо ягон мақсади дигар истифода барад.

## 11. ҲАМКОРИИ ЭЛЕКТРОНӢ

11.1. Маъмурият ба Истифодабаранда имконияти техникии бастани Аҳдҳоро дар Платформа нисбати мол ва хизматрасониҳо фароҳам меорад. Истифодабаранда ҳуҷҷатҳои электрониро танҳо бо истифода аз Утоқи шахсии худ дар Платформа мебандад ва имзо мекунад.

11.2. Амалҳо (беамалӣ)-и Истифодабаранда, ки дар Платформа амалӣ мешаванд, амалҳои ҳисобида мешаванд, ки аз номи худи Истифодабаранда ва ба манфиати ӯ анҷом дода шудаанд. Истифодабаранда тамоми хавфҳои имконпазирро, ки бо амалҳо (беамалиҳо)-и аз даромадан ба Утоқи шахсии Истифодабаранда анҷомдодашуда алоқамананд, ба дӯш мегирад.

11.3. Амалҳои Истифодабаранда қувваи юридикӣ доранд ва боиси ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ барои Истифодабаранда мешаванд, аз ҷумла бастани Аҳдҳо дар Платформа.

## 12. РАСОНИДАНИ МОЛ

12.1. Расонидани молҳое, ки тавассути бастани Аҳд дар Платформа харидорӣ шудаанд, аз ҷониби Фурӯшанда мустақилона анҷом дода мешавад. Тартиб, мӯҳлатҳои амалисозӣ, тартиби пардохти расонидан низ аз ҷониби Фурӯшанда мустақилона муайян карда мешавад.

## 13. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

13.1. Дар ҳолати иҷро накардан ва/ё ба таври номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои худ, Тарафҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ масъулият доранд.

13.2. Маъмурият барои иҷро накардан ва/ё ба таври номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳо масъулият надорад, агар чунин иҷро накардан ва/ё ба таври номатлуб иҷро кардан бо айби Истифодабаранда, аз ҷумла дар робита бо нишон додани маълумоти

указанием Пользователем ошибочных и/или неполных данных при использовании Платформы.

13.3. Администрация не несет ответственности за любые убытки, возникшие у Продавца в связи с неправильностью указания ассортимента и цены товаров и услуг, а также любые виды убытков и неблагоприятные последствия Пользователя, наступившие в результате отсутствия должной осмотрительности при использовании Платформы.

13.4. Администрация также не несет ответственности за любые действия Пользователя на Платформе.

13.5. Стороны освобождаются от ответственности за частичное или полное неисполнение обязательств в случае возникновения обязательств непреодолимой силы, влияющих на исполнение Сторонами своих обязательств, возникших вследствие событий чрезвычайного характера, которые невозможно было предвидеть и предотвратить разумными мерами.

## 14. ДОПОЛНИТЕЛЬНЫЕ УСЛОВИЯ

14.1. Все споры и разногласия, возникающие между Сторонами при исполнении настоящего Договора, подлежат обязательному досудебному разрешению в претензионном порядке. Претензия Пользователя принимается Администрацией в письменном виде и рассматриваются в порядке и в сроки, установленные действующим законодательством РТ.

14.2. В случае недостижения согласия между Пользователем и Администрацией в связи с предъявленной претензией, спор подлежит рассмотрению в судебном порядке в суде района Сино города Душанбе в соответствии с действующим законодательством РТ.

14.3. Стороны признают, что при разрешении споров подтверждающими документами, являются бумажный и электронный документ и протокол действий, регистрируемых

нодуруст ва/ё нопурра аз ҷониби Истифодабаранда ҳангоми истифодаи Платформа рух дода бошад.

13.3. Маъмурият барои ҳама гуна зараре, ки ба Фурӯшанда дар робита бо нодуруст нишон додани ассортимент ва нархи мол ва хизматрасониҳо расидааст, инчунин барои ҳама гуна намудҳои зарар ва оқибатҳои номусоиди Истифодабаранда, ки дар натиҷаи набудани эҳтиёткории зарурӣ ҳангоми истифодаи Платформа ба амал омадаанд, масъулият надорад.

13.4. Маъмурият инчунин барои ҳама гуна амалҳои Истифодабаранда дар Платформа масъулият надорад.

13.5. Тарафҳо аз масъулият барои қисман ё пурра иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар ҳолати ба миён омадани ҳолатҳои форс-мажор, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои Тарафҳо таъсир мерасонанд ва дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодда, ки пешбинӣ ва пешгирии онҳо бо чораҳои оқилона ғайриимкон буд, ба миён омадаанд, озод карда мешаванд.

## 14. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

14.1. Ҳамаи баҳсҳо ва ихтилофоте, ки байни Тарафҳо ҳангоми иҷрои Шартномаи мазкур ба миён меоянд, бояд ҳатман бо тартиби пеш аз судӣ бо роҳи пешниҳоди даъво ҳал карда шаванд. Даъвои Истифодабаранда аз ҷониби Маъмурият дар шакли хаттӣ қабул карда мешавад ва бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи ҶТ баррасӣ карда мешавад.

14.2. Дар ҳолати ба мувофиқа наомадани Истифодабаранда ва Маъмурият дар робита бо даъвои пешниҳодшуда, баҳс бояд бо тартиби судӣ дар суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ баррасӣ карда шавад.

14.3. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ҳуҷҷати коғазӣ ва электронӣ ва протоколи амалҳое мебошанд, ки аз ҷониби

техническими устройствами, программным обеспечением и программным комплексом системы, обслуживающей и обеспечивающей работу Платформы.

14.4. Взаимоотношения Сторон в рамках исполнения Договора регулируются действующим законодательством РТ и Договором.

14.5. Договор вступает в силу с момента акцепта его Пользователем и действует бессрочно.

14.6. Если одно или несколько из положений Договора являются или становятся недействительными в силу внесения изменений в действующее законодательство РТ, то это не является основанием для приостановления действия остальных положений Договора. Недействительные положения должны быть заменены положениями, допустимыми в правовом отношении, близкими по смыслу к заменяемым.

дастгоҳҳои техникӣ, барномавӣ ва маҷмӯи барномавии низоме, ки кори Платформаро хизмат мерасонад ва таъмин мекунад, сабт карда мешаванд.

14.4. Муносибатҳои Тарафҳо дар доираи иҷрои Шартнома тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва Шартнома танзим карда мешаванд.

14.5. Шартнома аз лаҳзаи аксепт кардани он аз ҷониби Истифодабаранда эътибор пайдо мекунад ва ба муддати номуайян амал мекунад.

14.6. Агар як ё якчанд муқаррароти Шартнома бинобар ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ эътибор надошта бошанд ё шаванд, ин барои боздоштани амали муқаррароти боқимондаи Шартнома асос намешавад. Муқаррароти беэътибор бояд бо муқаррароте иваз карда шаванд, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қобили қабул буда, аз ҷиҳати маъно ба муқаррароти ивазшаванда наздиканд.